01 10 2019



**Як гурӯх ҷинояткорони ифротӣ, муздурони бехувият, хоинони ватанфурӯш аз ташкилоти террористӣ - экстремистии ХНИ ва "Гурӯхи - 24" бо ёрии сарпарастону хоҷагони зиддитоҷикияшон дар кишвархои мухталифи ғарбӣ панохандагӣ ва лонаи истирохат ёфтаанд. Онхо барои ноором намудани авзои дохилии Тоҷикистон ва бадном кардани сиёсати одилонаи Хукумат аз хама гуна усули муковимат ва методу фишангхои сиёсӣ барои расидан ба максадхои шум, ноҷавонмардона, ғаразолуди худ талош доранд. Хаёти мардуми тоҷик ва мукаддасоти дини мубини ислом назди ин гурӯххои ифротӣ, ки яксолагии таъсиси ташкилоти ҷаълии террористии як паймони шикаста ва барбодрафтаро дар шахри Варшава ҷашн гирифтанд, ягон арзиш надорад.**

Саркардагони ин бадхохон ва даххо ифротии дигар дар солгарди ташкилоти террористии худ максад ва хадафи аслиашонро фош намуда, изхор доштанд, ки мо барои мансабу курсӣ ва барои бадастовардани кудрати сиёсӣ мубориза бурда истодаем. Аз ягон намуди мубориза ва хунрезӣ даст намекашем. Ин гумгаштагон зери унвони фейк, яъне бо номгузории "Паймони миллӣ" кишвархои аврупоиро фиреби сиёсӣ намуда, максадашон тиҷорат ва дарёфти грантхои хориҷӣ ва лонаи рохат дар Аврупо аст. М. Садриддин сухангӯ ва миссионери салафимаслаки ТТЭ ХНИ ва Фирӯзи Муъмин дар шабакахои иҷтимоии интернет акоиди ботил ва идеологияи мухлику тавтиапардоз ва зидди фарханги тоҷикиро рангу тобиши "динӣ" дода, барои фиреби ҷашми мардум, аз ҷумла мухоҷирони мехнатӣ, раванди ҷанги иттилоотӣ ва шустушӯи мағзиро, таквият бахшидаанд. Агар ба фаъолияти эмиссарии М. Садриддин аз ибтидо ҷашм бидӯзем, дармеёбем, ки мавсуф дар ибтидо аз мубаллиғони ғояхои ифротии салафия ва афкору

акидаи ташкилоти террористии “Давлати исломӣ” буда ва дар ин чода даххо чавони точикро ба эмиссархои Абубакри Багдодӣ дар ивази беномусии худ фурӯхтааст.  Ӯ бо сармоягузории бевоситаи “Давлати исломӣ” ва чабхаи размандаи “Аннусра”- и террористони Сурия ба Туркия, Афгонистон ва шахри Москва сафар намуда, бо хадамоти террористӣ ва саркардахои харакатхои ифротӣ байъат ва машварат намуда, барои анчом додани амалхои зиддибашарӣ бо лордхои хоричӣ хамнишину хамтабак аст.
Тахлил ва ковишхои тахассусӣ нишон медиханд, ки дигар шарафи инсонӣ, имон ва нангу номуси миллӣ дар пайкараву тафаккури ифротии ин муздурони бехувият бокӣ намондааст. М. Садриддин ва хамчинсони хоину бемуруввати он дар сангари душманӣ алайхи миллат ва давлати худ карор гирифта, чун репраккосахои бешарму хаё барои бадном кардани Хукумати Чумхурии Точикистон дар зердолонхои САХА хузур пайдо намуда, ин сахнаро барои пахн намудани маълумоти бардурӯғу беасос ва  бухтон нисбат ба Точикистон  истифода мебаранд.
А. Бобоев як ифротии дигар аз чумлаи дурӯягоне мебошад, ки худро раиси “Кумитаи шахрвандии начоти гаравгонхо ва зиндониёни сиёсӣ” хисобида, тавассути ин ниходи террористии ХНИ пайваста маводи бемантик ва аз вокеият дур ба табъ мерасонад. Албатта, шевахои аблахона ва ихтилофангези гумрохшудагони ТТЭ ХНИ дар арсаи байналмилалӣ зухуроти тоза ва нав нест.   Бобоев Абдусаттор дар асоси барномаи таррохинамудаи ТТЭ ХНИ дар шонздахуми июни соли 2016 дар шахри Варшава - пойтахти Лахистон  хамоиши сиёсиеро бо номи “ Ёдбуди шухадои зиндон” баргузор намуда буд. А. Бобоев тавассути ин ниходи зидди Точикистонии худ аз хочагонаш пулхои муфт ба даст оварда, дар майхонаву раккосахонахои репӣ бо айшу ишрат рӯз мегузаронад.
Аъзои  ТТЭ ХНИ харгиз дар фикри ягон зиндонӣ ва махбус нестанд, балки онхо бо гузарондани чунин хамоиш ва конфронсхои чаълӣ талош доранд, ки Хукумати Чумхурии Точикистонро дар арсаи байналмилалӣ бадном карда, хамзамон, чехраи сиёх ва террористии ХНИ ва саркардагони чинояткори онро хамчун омили мусбат ва хайрхох муаррифӣ намоянд. Тавассути ин аъмоли манфурашон инхо аз бархӯрдор шудан ва истифодаи маблагхои ташкилотхои байналмилалӣ манфиат мебаранд. Инчо саволе пайдо мешавад, ки чаро А. Бобоев ва хаммаслакону хамчинсони ӯ дар холи фаъолиятхои каблиашон, умуман, дар бораи зиндонӣ фикре хам намекарданд ва ба ёдашон низ хеч як нафаре ба чуз айшу ишрат намеомад?  Имрӯз бошад, барои манфиатхои шахсӣ, пайдо намудани лонаи рохат дар кишвархои хорич,  даст ба  эчоди тафрикаву низоъ дар байни миллат задаанд. Ӯ фаромӯш кардааст, ки мардуми точик дигар бозичаи дасти ин авбошони сиёсӣ ва мансабхоху мансабталош намегарданд.
Тавре хамагон огоханд,  садхо тан аз размандагони ТТЭ ХНИ дар рафти амалиётхои террористии худашон курбон гашта, садхо тани дигар аз дасту по махрум гашта буданд. Аммо рахбарону масъулини нахзат, ба монанди М. Кабирӣ, Ш. Алимов, М. Садриддин ва А. Бобоев, ягон маротиба ба онхо кумак нарасонданд, балки хазинахои молию пулии ТТЭ ХНИ-ро горат карда, ба ягмо бурданд ва дар хорич аз кишвар барои ахли байти худ марказхои тафрехӣ ва хонаву маишатгоххо хариданд. Ягон саркардаи ТТЭ ХНИ дар фикри ислом ва хаёти мусалмонхои Точикистони азиз нестанд.
Холо мардуми шарифи точик ин хама найрангхоро медонанд ва симои аслии душманони хешро мешиносанд. Аз ин рӯ, талошхои бесуботсозии чомеа, оростани анчуманхои васвасасозе, ки пушти лоихахои он манфиатхои молии хоинони миллат меистанд, ба амну осоиши кишвари рӯ ба тараккиёти мо хеч таъсире нахоханд гузошт.

**Фирӯз НОСИРОВ, коршиноси масоили**

**сиёсӣ, сокини шахри  Кӯлоб**